## 13.00.02.НАЗАРИЯ ВА УСУЛҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ
## 13.00.02.ТЕОРИЯ И МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ
## 13.00.02.THEORY AND METHODS OF TEACHING AND UPBRINGING

***ТДУ 37.02+37.091.214+373.5.016***
***ТКБ 74.4+74.560***

### *РОЧЕЪ БА БАРНОМАҲОИ НАВИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ЗАБОНҲО ВА ТАКОМУЛИ ТАЪЛИМИ ОНҲО*

***Абдуқодиров Абдусаттор,*** *профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик;* ***Воҳидова Нодира Абдусатторовна,*** *омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

### *О НОВЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ПРОГРАММАХ РАЗВИТИЯ ЯЗЫКОВ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ИХ ПРЕПОДАВАНИЯ*

***Абдукодиров Абдусаттор,*** *профессор кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы;* ***Вохидова Нодира****, преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

### *CONCERNED WITH NEW STATE PROGRAMS FOR DEVELOPMENT OF LANGUAGES AND THEIR TEACHING IMPROVEMENT*

***Abdukodirov Abdusattor,*** *Professor of the department of Tajik language and literature methods of teaching;* ***E–mail:*** *abdussator.abdukodirov@mail/ru;* ***Vohidova Nodira****, lecturer of the all-University department of foreign languages under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan,Khujand),***E-mail:***vohidova2020@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *забони давлатӣ, русӣ, англисӣ сиёсати забон, марҳалаи нави рушди забонҳо, забони такягоҳӣ, такмили таълими забонҳо*

*Мақола ба таҳлили масъалаҳои рушди забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се марҳала бахшида шудааст.Марҳалаи нави рушд ва такомули таълими забонҳо ба қабул ва амалисозии ду ҳуҷҷати расмӣ – Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019 № 438 «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 №647 «Дар барои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 200 - 2030» алоқаманд аст, ки дар мақола муҳтавои онҳо аз лиҳози мақсад ва вазифаҳо мавриди муҳокимаи илмӣ – методӣ қарор гирифтаанд.Масъалаҳои рушд ва такомули таълими забонҳо дар заминаи омили экстралингвистӣ – пешрафти бемайлони иҷтимоию сиёсӣ, афзудани эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули худогоҳии миллии насли имрӯза, ҳамчунин тавсеа ёфтан ва устувор гардидани мавқеи забони тоҷикӣ дар марҳалаи ҳозира маънидод гаштааст.*

***Ключевые слова:*** *государственный язык, русский, английский, языковая политика, новый этап развития языков, опорный язык, совершенствование преподавания языков*

*Статья посвящена анализу вопросов развития государственного (таджикского) языка и совершенствования преподавания русского и английского языков в период государственной независимости Республики Таджикистан. Новый этап развития и совершенствования преподавания русского, английского и таджикского языков основан на официальных документах, таких как Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 августа 2019 года, № 438, «О совершенствовании преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан в период до 2030 года» и Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 ноября 2020 года, № 647, «О государственной программе развития государственного языка в 2020-2030 годы», которые в статье подвергнуты научно-методической интерпретации. Проблемы развития и совершенствования преподавания таджикского, русского и английского языков рассмотрены на базе экстралингвистических факторов – повышение международного престижа Республики Таджикистан, формирование национального общественного самосознания, расширение и укрепление сфер функционирования таджикского языка на современном этапе.*

***Key words:*** *state language, Russian, English, language policy, new stage of languages development, reference language, language teaching improvement*

*The article dwells on the analysis beset with state (Tajik) language development and teaching Russian and English languages improvement covering three stages of the period appertaining to state independence of Tajikistan Republic.A new stage of teaching Russian, English and Tajik languages development and improvement is based on two official documents – Resolution of Tajikistan Republic Government dated August 2019, No. 438 "On the Improvement of Teaching and Learning Russian and English Languages in Tajikistan Republic until 2030" and Resolution of Tajikistan Republic Government dated November 28, 2020, No. 647 "On State Program for State Language Development in 2020 – 2030", which have been subjected to scientifico-methodological interpretation.The problems dealing with development and improvement of teaching Tajik, Russian and English languages are considered proceeding from extralinguistic factors - increasing the international prestige of Tajikistan Republic and building of national social self-awareness, expansion and strengthening of the spheres of functioning of the Tajik language at the present stage.*

Дар сӣ соли истиқлолият халқи тоҷик дар соҳаҳои хоҷагии халқ – истеҳсолот, маориф, илм, фарҳанг ва ғайра ба дастовардҳои намоён ноил гардид. Яке аз комёбиҳои арзишманди соҳаи илму фарҳанг дар Тоҷикистон ташаккул ёфтани сиёсати забон мебошад. Сиёсати забон чист? Баҳое, ки Сарвари давлат ба нақши забон дар ҷамъият медиҳад ва тадбирҳое, ки аз ҷониби ҳукумат барои ҷойгоҳи иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардани забон дар мамлакат амалӣ месозад, сиёсати давлатии забонро ташкил менамояд.

Таҳаввули забони давлатиро дар солҳои истиқлолият ба се марҳала ҷудо кардан мумкин аст, ки аломатҳои ташаккули онҳо ба қабули қонун ва тадбирҳои давлатӣ оид ба забон алоқаманд аст. Дар доираи ҳамин марҳалаҳо забони тоҷикӣ вусъат гирифт ва сиёсати забон дар Тоҷикистон ташаккул ёфт.

**Дар марҳалаи якум** моҳият ва мазмуни таҳаввули забон вобаста ба Қонуни аввали Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забон" (1989) мебошад. Муҳимтарин дастовард дар ин марҳала мақоми маъмурӣ – ҳуқуқӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ мебошад: забони тоҷикӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон забони расмии корӣ, давлатдории миллӣ гардид.

**Дар марҳалаи дуюм**, ки марбут ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" (2009) аст, пояҳои иҷтимоию сиёсии забони тоҷикӣ устувор гардиданд ва барои ба сатҳи забони илмӣ бардоштани забони тоҷикӣ тадбирҳо андешида шуданд. Аз ҷумла, дар назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи забон ва истилоҳот ташкил гардида, ба амал баровардан ва назорат кардани барномаҳои давлатӣ доир ба забон ба ӯҳдаи он гузошта шуд.

Моҳияти асосии **марҳалаи сеюм**ро дар баробари таҳким бахшидан ба пояҳои иҷтимоию сиёсӣ ва рушди илмӣ боз афзудани мавқеи забони давлатӣ ҳамчун забони такягоҳии таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои русӣ ва англисӣ, ташкил менамояд. Ин матлаб аз дастур ва вазифагузории Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд.

Дар шароити кунунии ҷаҳонгароии халқу миллатҳо хеле мубрам гаштани забондонӣ, аз ҷумла, дар сатҳи тахассусӣ донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русию англисӣ, дар баромадҳои Пешвои миллат аз Паём сар карда дар ҳар мавридд таъкид мегардад. Чунончи, дар суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш масъалаи нақши такягоҳии забони давлатӣ дар таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ хеле воқеӣ баён гаштааст: "Бисёр муҳим аст, ки, – таъкид доштанд Сарвари давлат, – омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар заминаи қонуну қоидаҳо ва меъёрҳои забони адабии тоҷик сурат гирад, яъне аввал забони модарии худро ба дараҷаи олӣ бояд донист ва сипас, дар қиёс бо дастурҳои он дар фарогирии забонҳои хориҷӣ иқдом намуд.

***Ҳар к-ӯ бо забони худ сухандон гардад,***
***Донистани сад забон-ш осон гардад»*** *[3, с.3].*

Вобастагии дарсҳои забони модарӣ ба самаранокии таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар барномаҳои рушд ва такмили таълими забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ низ алоҳида таъкид гардидааст. Масалан, дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [2] чунин омадааст: «-зарурати таълими босифати забони давлатӣ барои самаранок таълим додани забонҳои русӣ ва англисӣ мусоидат дорад». (банди 8). Яъне сустии таълими забони давлатӣ боиси бесамарии таълими

забонҳои русӣ ва англисӣ мегардад. Ҳамчунин дар банди 21 Барномаи чунин гуфта шудааст: «Ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бояд шаклҳои самараноки ташкили фаъолияти омӯзгор омӯзонида шавад, ки зимни он омӯзиши фанҳои асосии таълимӣ дар якҷоягӣ бо ташаккули салоҳиятҳои нутқии таълимгирандагон аз забони русӣ ва англисӣ, омӯзиш ва ҳифзи забони модарӣ ва фарҳанги миллии халқи тоҷик сурат мегирад» [2,с.5].

Раванди ҷаҳонгароӣ дар масъалаи сифат ва самаранокии забономӯзӣ сатҳи пасти таълимро бештар дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ аён кард, ки ин маънӣ дар фасли «Таҳлили вазъи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин баён гардидааст: «самаранок набудани мазмуни барномаи таълими забоншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки ба такмили фаъолияти касбӣ имкон намедиҳад” ва низ таъкид шудааст: “зарурати таълими босифати забони давлатӣ барои самаранок таълим додани забонҳои русӣ ва англисӣ” [2, с.2] таъкид шудааст.

Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки «нокифоя будани ташаккул ва рушди инфрасохтор, шабакаи акредитатсияшудаи марказҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ низ раванди омӯзиши забонҳоро ҳавасманд намесозад, барои баланд бардоштани сатҳи фарҳангии забономӯзии аҳолӣ ва куллан беҳтар кардани сифати таълими забонҳои русӣ ва англисӣ мусоидат намекунад» (банди 9).

Ҳамин тариқа, матлаб ва вазифаи асосии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030» фароҳамсозии шароити нав барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ бо мақсади «ворид шудан ба фазои байналмилалии коммуникативӣ (банди 13) ва аз нав дида баромадани тамоми низоми таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (банди 8) мебошад.

Афзалияти барномаи мазкури таълими забонҳои русӣ ва англисӣ аз он ҷиҳат низ ба назар мерасад, ки барои амалисозии Барнома аз ҳисоби буҷет, ҳисоби махсуси муассисаҳои илмию таълимӣ ва сармояи хориҷӣ ба андозаи умумии 1 миллиарду 4 миллиону 866 ҳазору 467 сомонӣ маблағ ҷудо карда, истифодаи он сол ба сол (то соли 2030) бо зикри соҳаҳо нишон дода шудааст. Чунончи, барои тарҷума аз забонҳои русӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ 3 миллиону 700 ҳазор, омода кардани кадрҳои баландихтисос 295 ҳазор, таълиф ва нашри раҳнамои таълим ва китобҳои дарсӣ 288 ҳазор, таҳия ва нашри маводи таълим 241 ҳазор сомонӣ ва ғайра пешбинӣ гардидааст.

Сиёсати забон дар Тоҷикистон аз солҳои аввали асри XXl ба таври муттасил ба амал бароварда шуда истодааст. Нахустин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» №508 аз 2 декабри соли 2003 ба тасвиб расида буд ва он минбаъд бо қарори нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020 тамдид гардид. Оид ба забони тоҷикӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 335 аз 30 июни соли 2012 низ барои солҳои 2012 – 2016 барномаи давлатӣ қабул шуда буд. Инак, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 647 аз 28 ноябри соли 2020 [3] ба тасвиб расидааст, ки ба мисли «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи то солҳои 2030» барномаҳои марҳалаи нав мебошад.

Барномаҳои марҳалаи нав доир ба забон ва таълими он дар заминаи таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон, мавқеи шоиста пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои пешқадаму нававар муяссар шуд. Дар онҳо ба вазъи таълими забонҳо, аз ҷумла, камбудиҳо баҳои воқеӣ дода, ба масъала аз дидгоҳи дастовардҳои ҷаҳонӣ назар афканда шудааст. Чунончи, дар қисмати «Муқаррароти умумӣ” омадааст, ки «сиёсати давлатӣ оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо амалӣ карда мешавад» (банди 4). «Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар рушди соҳаҳои илму фарҳанг, сиёсат, иқтисодиёт, *муносибатҳои байналмилалӣ* (таъкиди муаллифон А.А., В.Н.) ва самтҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад” [3, с.24-25].

Дар ҳамин замина вобаста ба технологияи муосир иҷрои вазифаҳо, амсоли ташкили дарсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ тариқи онлайн дар шабакаҳои интернет, ворид намудани фарҳангномаҳои электронӣ дар шабакаи интернет, таҳия ва эҷоди барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ ба забони давлатӣ, таҳияи барномаҳои махсуси омӯзиши забони тоҷикӣ барои тоҷикони муқими кишварҳои дигар дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар дар амалӣ кардани сиёсати давлатии забон аз вазифаҳои умда ба шумор меравад.

Умуман гирем, дар “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030” вазифагузорӣ дар доираи самтҳои ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ – методӣ, тарбия дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, таъмини равобити илмию таълимии забонҳои давлатию хориҷӣ мушаххасан зикр ёфтааст. Аз он ҷумла:

- ташкили низоми ягонаи таълими мутахассисони забони тоҷикӣ;

такмили барнома, нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ;

таҳияи барномаҳои таҳқиқотии дорои бартарияти илмӣ дар иртибот ба таълими забони тоҷикӣ;

таҳияи барномаҳо ва дастурҳои забони тоҷикӣ дар асоси равишҳои нави омӯзиши забон;

такмили стандартҳои давлатии таҳсилот дар иртибот ба забони давлатӣ;

таҳия ва тасдиқи барномаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилашон бо забонҳои дигар;

таъсиси кабинетҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

ба роҳ мондани омӯзиши марҳала ба марҳалаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии равияи техникии ҷумҳурӣ;

– ташкили омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– таблиғи арзишҳои забони давлатӣ тавассути барномаҳои махсуси телевизионӣ ва радиоӣ барои кишварҳои ҳамзабон ва тоҷикони сокини кишварҳои хориҷӣ;

баланд бардоштани сатҳи касбии рӯзноманигорон ва кормандони воситаҳои ахбори омма дар иртибот бо донистани забони давлатӣ;

ташкили семинарҳои сайёр ва дарсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии кишвар;

баррасӣ ва омӯзиши вожаву истилоҳоти таърихии забони

тоҷикӣ ва ғайра [3, с.26-27].

Таъмини рушди устувори забони тоҷикӣ ва сиёсати давлат дар ин соҳа дар ду марҳала аз рӯйи шаш самт роҳандозӣ гардидааст.

Марҳалаи аввали Барнома солҳои 2020-2025-ро фаро гирифта, мазмуни онро таҳияи лоиҳаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузории соҳавӣ, таъмини густариши забони давлатӣ ҳамчун бунёди маънавии миллӣ, ташхис ва интишори истилоҳоти соҳавӣ ташкил медиҳад.

Марҳалаи дуюм (солҳои 2026-2030) аз роҳҳои амалисозии масъалаҳои таҳқиқотӣ, омӯзишӣ, ташкилӣ ва назоратӣ иборат аст.

Дар заминаи иҷрои тадбирҳои пешбинишуда таъмини рушди забони давлатӣ аз рӯйи шаш самти зерин ба амал бароварда мешавад:

– омӯзиш, назорат, таҳлил ва амалисозии сиёсати забони давлатӣ;

– андешидани тадбирҳо барои таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ;

– густариши забони давлатӣ ҳамчун бунёди маънавии миллӣ ва тарғибу ташвиқи он дар воситаҳои ахбори омма;

– таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии забони давлатӣ;

– таҳия ва нашри фарҳангномаҳо, муҳовараҳо ва дастурамалҳо;

– таҳкими робитаҳои байналмилалӣ дар ҳимоя ва рушди забони давлатӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дастовардҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолият аз рӯйи нишондоди банди «7. Натиҷаҳои ниҳоии Барнома» баҳогузорӣ мегардад.

Вазифаҳо дар «Нақшаи амалисозии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», ки ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 ноябри соли 2020, № 647 замима гардидааст, бо зикри мушаххаси номгӯи чорабиниҳо, муҳлати иҷро ва иҷрокунандагон – вазоратҳои дахлдор, Кумитаи забон ва истилоҳи назди Ҳукумати ҶТ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон , ҳукуматҳои шаҳру вилоятҳо тазаккур ёфтаанд.

Нақшаи мазкур аз 5 банд иборат аст:

Таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.

Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии забони давлатӣ, таҳия ва нашри фарҳангномаҳо ва

дастурамалҳо.

Тадбирҳои назорати сиёсати забони давлатӣ.

Чорабиниҳои ташкилӣ, тадбирҳои амалисозӣ ва омӯзиши сиёсати забони давлатӣ.

Ҳимоя ва рушди забони тоҷикӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ.

Вобаста ба вазифагузорӣ аз ин қисмҳо «таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии забони давлатӣ» дар таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамчун забони такягоҳӣ истифода кардани забони давлатӣ (тоҷикӣ) мебошад.

Амалияи мафҳуми «забони такягоҳӣ» ба методистон ва омӯзгорон шинос аст. Дар таъмини забонҳои хориҷӣ мувофиқтарин усули фаҳмонидани меъёрҳои фонетикӣ ё лексикию грамматикии забони омӯхташаванда такя ба забони модарӣ мебошад, зеро донишҷӯён бо қонуну қоидаҳои забон дар мисоли забони модарии худ дар ҳудуди соатҳои зиёди таълимӣ дар мактаб хеле муфассал шинос мешаванд ва дар корбурди онҳо маҳорат ва малака пайдо мекунанд. Ёдовар мешавем, ки фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои 5-11-и тоҷикӣ дар ҳаҷми 578 соат таълим дода мешавад. Албатта, ба манфиати таълим аст, ки шогирдон ин дониш, маҳорат ва малакаи забондониро ҳамчун маърифати арзишманд дар таълими забонҳои хориҷӣ истифода баранд. Ин кор бахусус дар таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, ки аз муҳимтарин забонҳои хориҷӣ дар замони муосир маҳсуб меёбанд, айни муддао мебошад, зеро забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба як оилаи забонҳо – ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд.

Асосҳои илмӣ ва методии ба сифати забони такягоҳӣ ба кор бурдани забони давлатӣ (тоҷикӣ) дар таълими забонҳои хориҷӣ, хусусан русӣ ва англисӣ, аз вазифаҳои муҳими Барнома ба шумор меравад. Ин амал дар такмили таълими забони тоҷикӣ низ мусоидат дорад, чунки дар муқоисаи типологӣ омӯхтан ва омӯзонидани ду ё зиёда забон ҳамеша ба манфиати забонҳои ҳам такягоҳӣ ва ҳам омӯхташаванда мебошад.

Ба сифати забони такягоҳӣ корбаст кардани забони тоҷикӣ имкон фароҳам меорад, ки баъзе норасоиҳои китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои мактабҳои миёна бартараф карда шавад. Масалан, хеле вақт инҷониб дар байни олимону методистон саволи «Оё барои забономӯзӣ таълими грамматика зарур аст? ҷавоби аниқи худро намеёбад. Забони такягоҳӣ, пеш аз ҳама, ба қоидаву меъёрҳои таносуби овозҳо, калимасозӣ, ибораю ҷумлабандӣ асос меёбад. Ҳамаи онҳо якҷоя тамсила (модел)-и забон аст, ба ибораи дигар, қоидаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикӣ дар омӯзиши муқоисаи типологӣ ҳамчун асос хидмат менамоянд.

Яке аз тафовутҳои намоён дар «Барномаи рушди забони тоҷикӣ барои солҳои 2020 – 2030» дар мазмуни банди «6. Ҳимоя ва рушди забони тоҷикӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ» ифода ёфта, маҷмӯи тадбирҳоро роҷеъ ба мустаҳкам кардани мавқеи забони давлатӣ дар кишварҳои бурунмарзӣ дар бар мегирад, аз ҷумла:

–баргузории рӯзҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ дар кишварҳои хориҷӣ;

–ташкили озмуну чорабиниҳо доир ба забони тоҷикӣ дар байни тоҷикони бурунмарзӣ ва дар муассисаҳои дипломатию консулӣ, созмону ҷамъиятҳои тоҷикон;

–густариши ҳамкориҳои муассисаҳои дипломатию консулӣ, созмону ҷамъиятҳои тоҷикон дар самти ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ;

–бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, адабиёти бадеӣ ва матбуоти даврӣ бо забони давлатӣ таъмин намудани тоҷикони берун аз ҳудуди Тоҷикистон;

–ҷудо намудани квотаҳо барои тоҷикони хориҷи кишвар дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

–омӯзиши вазъи забони тоҷикони муқими кишварҳои хориҷӣ;

–таҳқиқи осори хаттӣ ва тоҷикшиносӣ ба забони тоҷикии маҳфуз дар китобхонаҳои кишварҳои хориҷӣ;

–ташкили маркази омӯзиши забони тоҷикӣ ва тоҷикшиносӣ дар назди сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–таҳкими робитаҳои илмию таҳқиқотӣ бо пажӯҳишгоҳҳои хориҷӣ дар иртибот ба илми тоҷикшиносӣ.

Хотирнишон карданием, ки мазмуни ин банди Барнома аз густариши мавқеи иҷтимоию сиёсӣ ва нуфузи забони давлатии тоҷикон дар замони муосир дарак медиҳад.

Дар интиҳо бояд зикр кард, ки Барномаи мазкур дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар садади татбиқ қарор дорад. Аз ҷумла, мутобиқ ба нақшаи кори Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» дар Донишгоҳ фармоиши ректор аз 25 сентябри соли 2021, №560 ба тасвиб расид. Аз рӯи он кафедраҳои забоншиносӣ ва шуъбаҳои дахлдори Донишгоҳ вазифадор шудаанд, ки баҳри

амалисозии Барномаи мазкур фаъолият намоянд: бояд барномаҳои дурнамои илмӣ – тадқиқотии кафедраҳои забоншиносӣ барои солҳои 2021-2025 бо назардошти нуктаҳои «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» таҷдиди назар карда шавад; ҳангоми танзими нақшаҳои корҳои илмӣ ва таълимӣ – методии солонаи кафедраҳо талаботи Барномаи мазкур ба эътибор гирифта шавад; фармоиши мазкур Комиссияи татбиқи Қонуни забони давлатии Донишгоҳро муваззаф менамояд, ки оид ба «Асосҳои ҳуқуқии татбиқи Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо намунаи ҳуҷҷатҳои коргузории Донишгоҳ маҷмӯа таҳия ва интишор намояд.

Дар назар бояд дошт, ки амалисозии «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз муҳимтарин асноди роҳандозии сиёсати забон дар Тоҷикистон буда, аз кормандони соҳаҳои илм ва маориф фаъолияти пайваста металабад.


**ПАЙНАВИШТ:**

1.Эмомалӣ Раҳмон. Забон рукни асосии давлатдории миллист/ Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон//«Омӯзгор» № 41(12214)аз10октябри соли 2019. – С.3.

2.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 438 аз 30 августи соли 2019 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».

3.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 647 аз 28 ноябри соли 2020 «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030».

**REFERENCES:**

1. Emomali Rahmon. Language is the Main Pillar of National Statehood / Speech of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President on the Occasion of State Language Day of Tajikistan Republic // "Teacher" № 41 (12214) from October 10, 2019. - p. 3.
2. Resolution of Tajikistan Republic Government № 438 of 30 August 2019 “On State Program of Teaching and Learning Russian and English Languages Improvement in Tajikistan Republic for the period up to 2030”.
3. Resolution of Tajikistan Republic Government № 647 of 28 November 2020 “On State Language Development Program for 2020-2030”.